Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-046-и Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1)

**ТАҚРИЗ**

ба автореферати рисолаи илмии Боев Муродбек Бекмаҳмадович, дар мавзӯи ***«Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро - графикӣ»*** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ)

Сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф баҳри фароҳам овардани шароит ҷиҳати соҳибкасб намудани шаҳрвандон алалхусус, наврасону ҷавонон ва ба роҳ мондани таҳсилоти босифат, бунёди фазои мусоиди таълимӣ бо ҳамгироии фанҳо нигаронида шудааст. Ҳадафи таҳқиқоти мазкур низ ҷиҳати ошкор сохтани ҷабҳаҳои педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро – графикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар маҳсуб аст.

Мавзуи рисолаи илмии Боев Муродбек Бекмаҳмадович таҳти унвони *«Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро - графикӣ»* дар шароити муосири суръатафзоии пешрафти илмӣ-техникӣ яке аз мавзуъҳои мубрам ба ҳисоб рафта, ҷиҳати ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда саҳми арзишманд дорад.

Боев Муродбек Бекмаҳмадович, ҷабҳаҳои назариявӣ ва амалиӣ, моҳият ва мазмуни омоданамудани мутахассисони варзида ва рақобатпазири бозори меҳнатро дар мисоли омӯзиши фанҳои геометро – графикӣ муайян намудааст, ки ҳамчун таҷрибаи асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии донишҷӯён дар раванди таълими муҳандисон ҳамчун шарту шароити заминавии зинаи аввали таҳсилоти олӣ баррасӣ ва арзёбӣ карда мешавад. Ба ин васила имкон медиҳад, ки муҳандисони оянда ба фаъолияти мустақилона бо сифат омода карда шавад.

Таҳлили рисолаи илмии Боев Муродбек Бекмаҳмадович нишон медиҳад, ки диссертатсия аз 157 саҳифаи матни компютерии бо ёрии протсессори матнии Microsoft Word ҳуруфчинишуда иборат буда, 25 расму диаграмма ва 3 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо

барои ҳар ду боби диссертатсия умумӣ мебошад. Рӯйхати адабиёт фарогири 233 номгӯйи адабиётро дарбар гирифта, дар охири диссертатсия замимаҳо ва санадҳо ҳамроҳ карда шудаанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия аҳамият ва зарурати интихоби мавзуи таҳқиқот, мақсаду фарзияи таҳқиқот, дараҷаи коркарди таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии кор, тасдиқ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот зикр гардидаанд.

**Боби якуми диссертатсия** «*Асосҳои назариявии ташаккули курси асосии фанҳои геометро-графикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии техникии Тоҷикистон*» ном дошта, се зербоб ва хулосаи боби якумро дар бар мегирад, ки масъалаҳои салоҳияти касбӣ ва сатҳи бунёдии салоҳиятнокии геометро-графикӣ, самарабахшии ташаккули он дар раванди омодагии касбии донишҷӯёни равияи муҳандисӣ бо ҳамгироии фанҳо дар таълими фанҳои геометро – графикиро фаро мегирад.

***Боби дуюми диссертатсия*** *«Корҳои озмоишӣ оид ба ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометрӣ - графикӣ»* номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат буда, ки баррасии натиҷаи таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ-методологии истифодаи воситаҳои графикии пешниҳоди иттилоот ва CAD-низомҳо дар заминаи омодагии бунёдии геометро-графикӣ аз ҷониби муаллиф лоиҳаи мундариҷавӣ-протсессуалӣ коркард шудааст, ки ҳамчун амсилаи ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти геометро-графикӣ барои донишҷӯёни соҳаҳои муҳандисиро фаро мегирад.

Аз автореферат маълум мегардад, ки мундариҷаи асосӣ натиҷаҳои таҳқиқоти дессертатсионии Боев М.Б. дар 35 номгӯи интишорот инъикос карда шудааст, ки аз ҷумла 4 адад дастури таълимӣ, 4 адад мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти ҶТ 27 адад дар конференсияҳои байналмилаливу ҷумҳуриявӣ ба нашр расонидаро ташкил медиҳанд.

Нуқтаҳо ва хулосаҳои автореферат бо далелҳои муътамади таърихӣ, адабиёти илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Онҳо дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошанд.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқотӣ бо пайвандҳои байниҳамдигарии худ ва ягонагии дохилии диссертатсия шакл гирифта, дар доираи назарияи педагогика ва методикаи таълиму тарбияи муҳандисониояндаи кишвар, ки фарогири масъалаи муносибати ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ дар таҳсилот ва санҷиши объективонаи дониши донишҷӯён мебошад, дар рушди методикаи таълими графикии муҳандисони оянда саҳми босазо гузошта метавонад.

Хулоса, бояд зикр намуд, ки таҳқиқотеро, ки аз ҷониби Боев М.Б. ба анҷом расонида шудааст, аз нигоҳи назариявию амалӣ таҳқиқоти мубрам ба ҳисоб рафта, барои ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро-графикӣ саҳмгузор мегардад.

Автореферати диссертатсияи Боев Муродбек Бекмаҳмадович, дар мавзуи ***«Асосҳои илмӣ – педагогии ташаккули сатҳи бунёдии таҳсилоти графикии муҳандисони оянда тавассути ҳамгироии фанҳои геометро - графикӣ»*** ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июми июни соли 2021, таҳти №267 ба тасвиб расидааст, ҷавобгӯ буда, довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), сазовор мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти
кафедраи технология, нақшакашӣ ва дизайни
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мухторова Гавҳар Ғафоровна

Суроға: 735720, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 121. Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Тел: (+992) 93-566-41-58.

Имзои Мухторова Г.Ғ. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ Мустафозода А.